**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 25/2с

аз «28» 01 соли 2025

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ лоиҳаи болозикр ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда - Агентӣ риоя гардидааст;

2) дар бандҳои 4 ва 14 боби 2, банди 59 боби 4, зербоби 1, 7, 8, 10, 12 боби 5 ва дигар бандҳои лоиҳаи болозикр уҳдадорӣ барои ташкилотҳои харидор вобаста ба ташкили хариди давлатӣ, сертификаткунонии мақоми ташкилоти харидори соҳибтахассус, ҳисоби арзиши тахминии харид, уҳдадорӣ ба иштирокдорони озмун вобаста ба меъёрҳои иҷозатдиҳӣ, меъёрҳои иҷозатдиҳӣ барои иштирок ва талаботи тахассусӣ ба гурӯҳи таҳвилгарон (пaймонкорон), пешниҳоди иттилоот оид ба вазъи иқтисодӣ ва молиявии иштирокдорони озмун ва г. пешбинӣ гардидааст;

3) дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои ташкилоти харидор ва таҳвилгарон (паймонкорон) пешбинӣ нагардидааст;

4) дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад;

5) лоиҳа барои ҳалли мушкилот асоснок буда, ҷиҳати таъмини муносибати беғаразона нисбати таҳвилгарон (паймонкорон) замина гузошта, барои баланд бардоштани сатҳи шаффофият, рушди рақобат, сарфакорона ва самаранок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ мусоидат менамояд.

Бо эҳтиром,
Директор — Саидзода И.Ҳ.